ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи "Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (Punica granatum L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.- Зоология

Соҳаи боғдорӣ дар пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёд дошта, он имконоти бозори дохилӣ ва иқтидори содиротиро таъмин намуда, боиси ташкили ҷойҳои кори доимӣ барои сокинони кишвар мегардад.

Зараррасонҳои растаниҳои субтропикӣ, аз ҷумла буттаи анор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра омӯхта нашудааст. Аз ин сабаб таркиби намудии зараррасонҳо дар ноҳияҳое, ки барои парвариши анор шароити мусоид доранд, омӯзиши амиқро тақозо менамояд. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии растаниҳои кишоварзӣ, аз ҷумла анорбоғҳо дар баробари андешидани дигар чораҳо, ин сари вақт пешгирӣ кардани анорбоғҳо аз ҳашароту канаҳои зараррасон маҳсуб меёбад. Мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон вобаста ба шароит ва паҳншавии растаниҳо таҳқиқоти мақсаднокро талаб менамояд.

Тадқиқоти илмии довталаби дараҷаи илмӣ Давлатзода О.М. дар доираи яке аз масъалаҳои асосии анорпарварӣ, омӯхтани ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор, хусусиятҳои биоэкологӣ, осебрасонӣ ва паҳншавии онҳо, коркарди чораҳои мубориза бар зидди зараррасонҳои анор, инчунин муайян намудани (энтомоакарифагҳо) ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, дар натиҷаи таҳқиқоти бисёрсола (2014 – 2024) бори аввал маҷмуи зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар маҷмуъ 38 намуд ба қайд гирифта шуд, ки онҳо ба 2 синф, 6 қатор, 17 оила ва 28 авлод мансубанд.

Аз 38 намуди зараррасонҳои дар анорбоғҳо ба қайд гирифташуда 20-тоаш солҳои қабли дар адабиёт ҳамчун зараррасонҳои анор дар

ноҳияҳои гуногуни парвариши ин растанӣ нишон дода шудаанд. Боқимонда 18 намуди дигар, бори аввал ҳамчун зараррасони анор ба қайд гирифта шудаанд.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода муайян карда шуд, ки аксарияти ҳашарот ва канаҳои зараррасон ба ғайр аз анор боз ба дигар намуди растаниҳои кишоварзӣ низ осеб мерасонанд. Бинобар ин, аз рӯйи махсусияти ғизогирӣ онҳоро ба 3 гурӯҳ тасниф намудем: 1. Монофаг – ба ин гурӯҳ намудҳое дохил мешаванд, ки танҳо як намуди растаниро ҳамчун манбаи ғизо истифода мебаранд, ки 7,9%-ро ташкил медиҳанд. 2. Олигофаг – зараррасонҳое мебошанд, ки асосан ба растаниҳои мансуби як оила осеб мерасонанд, ки 2,6 %-ро ташкил дода, дохил мешаванд. 3. Полифаг – он намудҳоеро дар бар мегиранд, ки ба растаниҳои аз оилаҳои гуногун зарар мерасонанд, ки аз шумораи умумии онҳо 89,5%-и гуногунии зараррасонҳоро муттаҳид кардаанд.

Зимни таҳқиқот 24 намуди энтомоакарифагҳои зараррасонҳои анор муайян карда шуд, ки дар байни онҳо 5 намудашон ба қатори сахтболҳо – Coleoptera, 2 намудашон ба қатори пардабаболҳо – Neuroptera, 2 намудашон ба қатори трипсҳо – Thysanoptera 2 намудашон ба қатори дуболҳо – Diptera, 2 намудашон ба қатори гавҳорачунбонҳо – Mantoptera ва 11 намудашон ба қатори нимсахтболҳо – Hemiptera мансуб мебошанд. Аз байни энтомоакарифагҳои мазкур дар кам кардани зараррасонҳои анор нақши момохолаки ҳафтнуқтадор – Coccinella septempunctata L. ва момохолаки ду нуқтадор – Adalia bipunctata L., тиллочашмаки муқаррарӣ – Chrysopa carnea Steph., гамбусаки стеторус – Stethorus punctillum Weise., ориуси сиёҳ – Orius niger Wolff. муҳим арзёбӣ мешаванд.

Самаранокии биологии инсектитсидҳо ва акаритсидҳо муайян карда шуд. Ҳангоми истифодаи Сипар-Т, 250 ЭК ва Кинмикс, 50 ЭК ба меъёри (4 л/га) бар зидди ширинчаи анор, дар рӯзи 3-юми баъд, аз коркард 99,6 ва 98, 3%; дар рӯзи 7-ум баъд аз коркард 98,4 ва 97,8 ва дар рӯзи 14-ум бошад мутаносибан 97,8 ва 93,2% -ро ташкил дод. Ҳангоми

истифодаи акаритсидӣ Омайт, 570 ЭК (2,0 л/га) ва Митак, 200 ЭК (муқоисавӣ) бо меъёри (2,0 л/га) бар зидди тортанакканаи муқаррарӣ фарқияти самаранокӣ мушоҳида шуд. Натиҷаҳо пас аз коркард бо акаритсидӣ Омайт, 570 ЭК, самаранокӣ баъд аз рӯзҳои 3-юм, 7-ум ва 14-уми пас аз коркард мутаносибан 96,7 – 94 ва 93,6%-ро ташкил дода, дар варианти бо муқоисавӣ коркардшуда нишондоди самаранокӣ пасттар буда, мутаносибан 92,2, 87,6 ва 85,3 % -ро ташкил дод.

Хулоса. Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти рисолаи номзадии Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзӯи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (Punica granatum L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21.- Зоология сазовор мебошад.

Тақризиҳанда:
доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи хоҷагии ҷангал
ва бунёди боғу чаманзор Абдураҳмонов Н.О.

Имзои Н. О. Абдурахмоновро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А Х.
11.11.2026

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки 146, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
734017, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, тел.: 938081102., 90081471,
E-mail: www.taas.tj.